Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов,64/14 хиёбони Борбад 48/5), Тел: (992) 372310843
E-mail: faridullo72@mail.ru

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Соҳаи кишоварзӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ эътироф шудааст, имрӯз корхонаҳои кишоварзӣ ба дастгирии молиявии давлатӣ бештар ниёз доранд. Дар робита ба ин, дар мамлакат роҳандозӣ намудани механизмҳои қарздиҳии имтиёзнок барои корхонаҳои кишоварзӣ хеле мубрам аст. Вале амалӣ намудани ин вазифа набояд танҳо дар доираи фаъолияти мақомоти давлатии ваколатдор дар соҳаи молия ва иқтисоди кишоварзӣ маҳдуд бошад. Муаллиф дуруст иброз медорад, ки ҳалли масъалаи мазкур ҳамкории муассир ва ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти давлатӣ, бонкҳои тиҷоратӣ ва муҳаққи о таҳқиқи равандҳои таҳаввули муносибатҳои қарзӣ мебинем, ки чӣ гуна онҳо дар марҳилаҳои гуногуни рушди ҷомеаи инсонӣ ба болоравии истеҳсолоти кишоварзӣ таъсир расонидаанд ва ҳамзамон ба ин васила боиси рушди соҳаҳои дигари бо кишоварзӣ ҳамҷавори иқтисодиёт гардидаанд, соҳаи бонкдориро тақозо мекунад.

Қисмати навгонии таҳқиқот аз ар рушди муқаррароти назариявӣ ва методологии қарздиҳии кишоварзӣ ва коркарди тавсияҳо барои таъсиси механизми муассири қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ ифода меёбад.

Муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳои васеъи илмӣ, монаграфияҳо, авторефератҳо, фикру мулоҳизаҳои мунакидони соҳаи иқтисодро роҷеъ ба хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ ҷамъоварӣ карда, назари худро байён намуда аст.

Ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва зикри хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ба муаллиф имкон дод, ки мафҳуми қарзи кишоварзиро мувофиқ ба шароити имрӯзаи рушди низоми бонкӣ ва соҳаи кишоварзӣ муайян кунад: қарзи кишоварзӣ муносибатҳои махсуси байни муассисаҳои қарзӣ ва субъектҳои иқтисодии соҳаи кишоварзӣ мебошад, ки дар ҷамъоварии маблағҳои муваққатан озоди дигар субъектҳои иқтисодӣ ва аҳолӣ ва ба хоҷагиҳои кишоварзӣ пешниҳод кардани онҳо дар асоси принсипҳои асосӣ ва бо таъмини вазифаҳои умумии қарз ифода меёбад.

Маврид ба зикри хост, аст, ки муаллиф дар таҳлил ва ҷамъбаст кардан, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ ва амалии равандҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ ифода меёбад. Аз ҷониби муаллиф таҳаввулоти муносибатҳои қарзии корхонаҳои кишоварзӣ бо бонкҳо таҳқиқ ва муҳтавои иқтисодии мафҳуми қарзи кишоварзӣ аниқ карда шудааст, зарурати корбурди

қарзи имтиёзноки кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шуда, самтҳои рушди он муайян карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти автореферати диссертатсионии Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад аҳамияти калони илмӣ доранд, зеро онҳо ба инкишофи карзҳои имтиёзнок ба соҳаи кишоварзӣ мусоидат мекунанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар имкони татбиқи тавсияҳои таҳияшуда ҳангоми такмили пешниҳоди қарзхои имтиёзнок ба корхонаҳои кишоварзӣ ифода меёбад. Аҳамияти иқтисодии кор дар он ифода меёбад, ки татбиқи тадбирҳои пешниҳодшуда самаранокии рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ баланд мебардорад.

Дар қатори дастоварҳои автореферат баъзе мушкилотҳо низ ҷой доранд:

1. Муаллиф дар ҷадвали 4. – меъёри фоизи қарзҳои бонкӣ-ро таҳлил карда аст, аммо бисёр ба маврид мебуд сабабҳои баланди фоизи қарзиро илман асоснок мекард;
2. Дар боби сеюми автореферати диссертатсионӣ хуб мешуд, ягон матриса ва ё модели консептуалӣ оиди самтҳои рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ таҳия мекард.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф дарҷ карда шудааст .

Умуман метавон хулоса намуд, ки муаллиф аз лиҳози илмӣ, хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар автореферати кори диссертатсионӣ ба мақсади гузошташуда ноил гашта аст.

Бо дарназардоштаи гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки автореферати диссертатсияи Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Муаллифи диссертатсия Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда: д.и.и., профессор Досиев М. Н.

Имзои д.и.и., профессор Досиев М. Н.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои махсуси АИДНП Насурдинзода А. Н.

Суроғаи муассиса:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Саид Носир, 33,
Тел: (+992) 985 56 65 66, +992(37) 224-17-86

“______”_____________________2026